# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ Қаршиева Гулчаҳон Гулмуродовна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент ба диссертатсияи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи “Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) (Такрорӣ)

**Мубрамият, ҳадафмандӣ ва афзалиятнокии тадқиқот**

Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти сиёсии худро ба даст оварда, дар роҳи таҳкими арзишҳои демократӣ ба ислоҳоти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ рӯй овардааст.

Барои тарбияи кадрҳои баландихтисос зарур аст, ки ба таълими касбии омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ диққати махсус дода шавад, зеро он ҳамчун заминаи тайёр намудани кадрҳои оянда ҳисобида мешавад. Дар ҳамин асно ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёни макотиби олӣ дар раванди таҳсилоти олии касбӣ, хусусан дар асоси омузиши забонҳо ба яке аз равандҳои мубрами таълим табдил меёбад. Ба ибораи дигар низоми тайёр намудани кадрҳои педагогии муосир бояд бо дарназардошти доираи пурраи сифатҳое амалӣ гардад, ки онҳо бо истилоҳи «салоҳияти касбии омузгори муосир» хос бошанд ва аз шароити воқеии замона бар меоянд, ки донишҷуёну кадрҳоиояндаи баландихтисоси донандаи забони англисӣ аз ҳамин минвол ба ҳисоб меравaнд. Бинобар ин дар шароити дигаргуниҳои ба амаломадаи иҷтимоиву иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати муайян намудани мазмуни равандҳои инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ, махсусан тахлили равандҳои инкишофи алокахо, ки аз шароити ҳозираи иҷтимоию иктисодӣ ба миён омада, онро афзалияти муҳим медиҳанд.

Ҷорӣ намудани муносибати босалоҳиятро бо мақсади таъмини сифати таълими донишҷуёни бархурдор буда аз қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ ва тавассути ташаккули салоҳиятҳои ин қабил донишҷӯён талаб менамояд,

ки хатмкунандаи оянда бо чунин қобилиятҳо мусаллаҳ гашта, мустақилона дар фаъолияти касбии худ дар оянда онро татбиқ намояд. Ҳамин аст, ки гузаштан ба рушди равишҳои нави соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати муайян намудани мазмуну мундаричаи таълим, махсусан тахлили инкишофи забономузӣ дар марҳалаҳои гуногун дар шароити иҷтимоию иқтисодии имрӯза ба яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа табдил ёфтааст. Зарурати иҷрои ин вазифаро Пешвои миллат, асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд.

Аз ин рӯ, талаб карда мешавад, ки омӯзгор ба инкишофи мустақилияти маънавӣ, маҳорат ва малакаи касбӣ бояд ба таври ҳамешагӣ омода бошад. Барои натиҷабахш ба роҳ мондани ин раванд муҳиммияти таҳқиқи механизмҳои психологӣ-педагогии салоҳияти омӯзгорӣ ба миён меояд. Дар ростои гуфтаҳои боло мавзӯи диссертатсияи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна мубрам, айни муддао ва актуалӣ арзёбӣ карда мешавад.

Тибқи таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ, бо вуҷуди як силсилаи томи асарҳо, ки ба таҳқиқи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгор бахшида шудаанд, масъалаи ташаккули ин сифати муҳим дар омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ ҳанӯз ҳам ба таври кофӣ омӯхтанашуда боқӣ мемонад. Беш аз ин, омӯзгорони босалоҳият барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ, аз ҷумла омӯзгорониояндаи забони англисӣ, ташаккули шахсияти чунин омӯзгорон дар ҶТ масъалаи мубрами соҳаи маориф қарор гирифтааст.

Аз таҳлили мубрамӣ ва сатҳи коркарди мавзӯъ дар доираи асарҳои илмии хориҷӣ ва ватанӣ бармеояд, ки баъзе аз нуқоти масоили мазкур дар шароити кунунии ҶТ ба пуррагӣ ҳали худро наёфтанд ва эҳтиёҷ ба таҳлили ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбӣ зиёд будааст. Аз ин рӯ заруруати муайян намудани мушкилотҳо дар ин ҷанба саривақтӣ буда аз он предмети таҳқиқоти нави фундаменталӣ аниқ муайян мешаванд.

Мутобиқ ба ин мушкилот барои таҳқиқот мавзӯи кори диссертатсионӣ **«Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)»** муайян карда шуд.

Мубрамии мавзӯи тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ҳамчун сарчашмаи боэътимод барои омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ ба шумор рафта, ба онҳо роҳу равиши нишонрас такмил додани салоҳияту қобилиятҳои педагогӣ ва касбиро меомӯзонад, ки он дар навбати худ боиси аз тарафи шогирдон ҳосил намудани донишҳои комил ва маҳорату малакаҳо гашта, ба инкишофи салоҳиятҳои фаннӣ (забонӣ) мусоидат менамояд.

**Ҳадафи тадқиқоти мазкур** аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок кардан ва дар таҷриба санҷидани роҳу усулҳои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Вобаста ба ҳадафи гузоштишуда ва бо дарназардошти объекту фарзияи таҳқиқот иҷрои **вазифаҳои зерин** чунин матраҳ гардиданд:

-дар асоси таҳлили назариявию методологии масъала таҳлили илмии адабиёти ватанию хориҷӣ оид ба проблемаҳои услубҳо, салоҳиятҳо ва қобилиятҳои коммуникативию нуткӣ, ташкили услубии ташаккули шахсияти педагоги оянда;

- муайян намудани робитаҳои байниҳамдигарии инкишофи шахсият, ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ва инъикоси илмии мавзӯъ дар таҳқиқоти фалсафӣ ва психологию педагогӣ.

- бозёфту коркарди модели консептуалии маҳоратҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар ташкили услубии таълим дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар макотиби олӣ ва ҳамкории байнишахсии донишҷӯёну омӯзгорон;

- дарки моҳият ва мазмуни қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён ва шароити ташаккули он дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ тартиб додани

- сатҳи эмпирикӣ-диагностикии таҳқиқи зуҳуроти хусусиятҳои инфиродию психологии маҳорати коммуникативӣ - нутқии донишҷӯёни бахши омӯзиши забони англисӣ;

- омӯзиши намудхои маҳорати коммуникативии нуткро аз руи маводи дискурси забони англисӣ, баҳс ва муносибат бо намудҳои гуногуни алоқаҳои байнишахсии донишҷӯён, ҳолат ва хусусиятҳои шахсии онҳо;

- нишондиҳандаҳои психолингвистии навъҳои гуногуни услубҳои коммуникативии муносибатҳои байнишахсии донишҷӯён ва самтҳои эҳтимолии рушди ин услубҳо ва таҳияи консепсияи ташаккули қобилияти коммуникативию нутқӣ дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

**Мавзӯи таҳқиқотро** - ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ ташкил медиҳад.

**Объекти таҳқиқот** - омӯзиши шароити педагогӣ ва технологияи таълим, аз он ҷумла забони англисӣ барои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**Навгонии рисолаи мазкур** аз он иборат аст, ки:

- бори аввал консепсияи ташаккули маҳорату қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар асоси омӯзиши забони англисӣ муайян ва асоснок карда шуда, модели консептуалии салоҳият, қобилият ва маҳорати услубии коммуникатививу нутқии донишҷӯён ва мутахасиссони соҳаи педагогикаи касбӣ ташкил ва сохта шудааст;

- сохтори омилии маҳорату қобилияти коммуникативии нутқ муайян карда шуда, робитаи услубҳои коммуникативии нутқ бо намудҳои муносибатҳои байнишахсӣ ва хосиятҳои шахсӣ дар ташаккули донишҷӯён ва кадрҳоиояндаи педагогӣ муқаррар карда мешаванд;

- аломатҳои психолингвистии маҳорату қобилиятҳо муайян карда шуда, минтақаҳои инкишофи потенсиалии онҳо дар асоси омӯзиши забони англисӣ муайян карда мешаванд;

- принсипҳои методологии парадигмаи дискурсивӣ оид ба ташаккули маҳоратҳои коммуникативӣ - нутқӣ дар донишҷӯён бо таъсири омилҳои умумии омӯзиши забони англисӣ равшан карда мешаванд;

- андешаҳои илмӣ дар бораи таъсири нутқ ба рафтори коммуникативии шахс ва робита бо ташкили услубии шахсият такмил дода мешаванд;

- тартиби тахлили психолингвистии далелхои гайрирасмӣ ва тахлили психолингвистии нутки диалогии хонандагон бо ташаккули афкор оиди ғояҳо дар беҳтар намудани муносибатҳои байнишахсии донишҷӯён бо назардошти услубҳои коммуникативӣ ва гуфтори онҳо минбаъд инкишоф ёфтанд.

**Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот ва натиҷаҳои илмӣ дар доираи талабот ба диссертатсия.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз инҳо иборат аст:

- маҷмӯи донишҳои фалсафӣ, психологию педагогӣ доир ба ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти олии касбӣ таҳлилу баррасӣ карда шуд, ки он назария ва амалияи илмиро оид ба падидаи қобилияти коммуникативию нутқӣ васеъ мегардонад;

- таъсири маҷмӯи имконоти муайяншуда ва самарабахшии раванди ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгорони оянда дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ, ки ба рушди назария ва амалияи омодасозии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ мусоидат мекунад, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд;

- технологияи педагогии ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгори оянда, бо далелҳои боэътимоди илмӣ асоснок карда шуд, ки он минбаъд ба болоравии ташаккули падидаи мазкур мусоидат

менамояд ва баланд бардоштани раванди омодасозии касбию педагогии мутахассисони ояндаро таъмин месозад.

Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот инчунин дар он зоҳир гардидааст, ки усули муаллифии ташхиси сатҳи инкишофи коммуникативӣ ва нутқи донишҷӯён имкон медиҳад, ки сатҳи ибтидоии ҳар як меъёр ва сатҳи умумии он муайян карда шуда салоҳияти коммуникативӣ ва нутқӣ сайқал дода шавад. Асосҳои назариявӣ, хулосаҳо ва маводи илмию методиро дар амалияи мактабҳои олӣ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ, хусусан забони русӣ ва англисӣ дар мақолаҳои илмӣ-методии забони тоҷикии муосир, маданияти забон ва услуби амалии он, асосҳои маданият ва техникаи нутқ ва гуфтор аз аҳамияте мебошанд, ки дар амалӣ намудани пешниҳодоти ташхису таҳлили мавзуъ дар адабиёти илмии муосири тоҷик метавонанд ба кор оянд.

Тавсияҳои методӣ оид ба инкишофи қобилияти коммуникативӣ ва нутқи донишҷӯён ва маводҳои ташхисӣ метавонад барои ошкор намудани мушкилоти касбии омӯзгорон дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва коркарди барномаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ.**

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима перомуни мақсаду вазифаҳои кор ва методҳои таҳқиқотӣ сухан рафта, унвонҷӯ аппарати илмии рисоларо возеҳу равшан баррасӣ намудааст.

Боби аввали рисола **«Асосҳои назариявӣ ва методологии инкишофи қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён»** номгузорӣ шудааст. **Зербоби аввали** ин бахш бо номи **"Аҳамияти назариявии нуқтаҳои фалсафӣ ва педагогӣ дар инкишофи қобилияти коммуникативию нутқӣ"** маводи коркард ва таҳлили маълумотҳо дар фалсафа ва психология оиди иттилоотро дарбар гирифта, ин назарияро ҳамчун фаъолияти якҷояи одамон, ки ҷомеаро муттаҳид менамояд ва барои илм ва амалияи

педагогика хеле муҳим аст, пешниҳод мекунад. Бо шаклгирии иттилоот – коммуникация дар намудҳои гуногуни фаъолиятҳои якҷояи амалию зеҳнии одамон, муоширату муносибати онҳо дар раванди фаъолиятҳо таъмин мегардад.

Яке аз омилҳои муҳими ташаккулёбии шахсият ва салоҳияти касбии донишҷӯён дар ҷабҳаи ғоявӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва амалӣ ин фазои таҳсилотии муассисаи олии касбӣ мебошад. Тарбия, таълим ва ташаккулдиҳии шахсияти донишҷӯ ҳамчун мутахассис муносибати комплексиро нисбати ҳаёти ояндаи ӯ талаб менамояд.

Дар **зербобҳои дуюму сеюми** ин фасл **"Омилҳо ва муайянкунандаҳои (детерменантҳо) психологию педагогии инкишофи қобилиятхои комуникативӣ ва нутқии донишҷуён"**, ва **"Таҳлили ҳолати омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ аз рӯйи барномаҳои омӯзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** ки барои муайян кардани қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар макотиби олии ҶТ равона шудаанд ва унвонҷуй ин консепсияро раванди гуногунҷабҳа меномад.

Тавре ки муҳаққиқ қайд кардааст, мақсади асосии таълими забони англисӣ дар навбати аввал ин аз ҷиҳати амалӣ азхудкунондани забон аст. Вақте ки донишҷӯ худро мутахассиси оянда ҳисобида кӯшиш менамояд донишҳои заруриро барои ояндаи худ – омодагии касбии педагогӣ аз худ намуда, таҷриба меомӯзад, дар чорабиниҳои таълиму тарбиявӣ фаъолона иштирок мекунад, мубрамии азхудкунии дониш, маҳорату малакаҳо дар раванди таълим самарабахшии касбии ба шахсият равонашуда меафзояд.

Боби дуюми диссертатсия **"Ташаккули қобилияти коммуникативию нутқӣ дар омӯзиши забони англисӣ"** номгӯзорӣ гардида, дар он рафт ва натиҷаҳои кори озмоишӣ-таҷрибавӣ таҳқиқ гардидааст.

Дар бахши аввали ин боб **"Муҳтавои баҳампайвастаи таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон"** таҳлили муфассал пешниҳод мегардад. Дар марҳилаи аввали кори

озмоишӣ-таҷрибавӣ, ки он иҷрои вазифаи муқарраркунанда дошт ва ба он донишҷӯёни ҳамаи курсҳо ҷалб карда шуда буданд, ба донишҷӯён дар атрофи иҷрои ҳамгуна вазифаҳо, ки метавонанд барои ташаккули маҳорати комуникативӣ мусоидат кунад ва аз ин рӯ мо метавонем онҳоро ба таври зерин пешниҳод кунем: 1) ҳаллу фасли маводи методӣ ва назариявӣ барои бо таври графикӣ навиштани садонокҳо дар ҳиҷоҳои кушода ва пӯшида; 2) дар карточкаҳо феълҳоро бо забони тоҷикӣ ва ба забони англисӣ тарҷума кардан; 3) тартиб пешниҳоди феълҳо дар замони оянда ва тарҷумаи онҳо бо забони англисӣ; 4) тартиб додани ҷумла аз калимаҳои пешниҳодшуда; 5) иваз намудани нутқи айнан нақлшуда ба нутқи мазмунан нақлшуда.

Дар зербоби дуюми ин бахш **"Таъминоти технологии омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ - педагогии Тоҷикистон"** муаллиф ба ҷустуҷӯй ва дарёфти роҳҳои самарабахши ташаккулдиҳии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёнро дар ду самт пайгирӣ мекунад: аввал, дар доираи заминаҳои барномавӣ-методии (стандартҳо, нақшаю барномаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ) амалкунанда аз нав дида баромадан, амиқ кардан ва тасҳеҳи мазмуни таълим: сониян, амалӣ гардондани мазмуни таълими забони англисӣ дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикӣ, дурнамои рушди методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, тайёр намудани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ.

Дар рафти корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ робитаи байниҳамдигарии мазмуни таълими забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ, такмилдиҳии мазмун ва методҳои таълим дар дарсҳои забони англисӣ дар асоси баҳисобгирии дастовардҳои методикаи таълим ва фанҳои бо ҳам наздик, инчунин таҳлилу ҷамъбасти таҷрибаи омӯзгорони забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсиллоти олӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил ва баргузории дарсҳо амалӣ гардиданд.

Дар зербоби **"Самаранокии муҳтаво ва низоми технологияи педагогии ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён"**

муҳаққиқ диққати махсус ба таҷрибаи амалии омӯзгорони забони англисӣ ва корҳои мустақилона медиҳад. Ба ақидаи ӯ (барои амиқсозии қоидаҳои грамматикӣ, таҳияи ҷавобу саволҳо ва нақлу ҳикояҳо бо истифодаи расмҳо, мавзӯҳои алоҳида) гуфтугӯи рӯ ба рӯ (ду, чор нафарӣ) ва ғайраҳо) фаъолияти нутқронӣ ва иттилоотии донишҷӯёнро инкишоф медиҳад. Яке аз шаклҳои кор оид ба луғатомӯзӣ, ки ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона ба он диққати махсус дода мешавад, ин кор бо истифодаи калимаҳои ҳаммаъно (синонимҳо) ва зидмаъно (антонимҳо) мебошад.

Қайд карда мешавад, ки муносибати мутақобилаи забони модарӣ (тоҷикӣ) ва хориҷиро (англисӣ) барқарор намуда, таҳлили қиёсӣ ба интихоби усулҳои методӣ таъсир мерасонад, зеро барои донишҷӯёни гуногунмиллат ҳангоми омӯзиши худи ҳамон як мавод мушкилоти гуногун пеш меоянд, ки онҳо бо номувофиқатии хоси забонҳои модарӣ ва забони омӯхташаванда тавзеҳ мегарданд.

Ҷамъбасти натиҷаҳои корҳои таҷрибавию озмоишӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳои аввалия ва ҷамъбастӣ, таҳлил ва натиҷаҳое, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ба даст омаданд, имконият доданд низоми аз ҷониби муаллиф коркардшудаи ташаккули кобилияти коммуникативию нутқии омӯзгориояндаи забони англисиро дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, натиҷагирӣ карда шаванд ва мувофиқи мақсад будани онҳо собит гардад.

Ниҳоят, дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи масъалаи ташаккули кобилияти коммуникативию нутқии омӯзгориояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ диссертант ба хулосаву тавсияҳои методии мувофиқ омадааст.

Ҳамин тариқа, Мавлонова Г.Г. аз адабиёти сершумор истифода карда, диссертатсияро бомуваффақият ба забони тоҷикӣ ба анҷом расонидааст.

Ҷолиби диққат аст, ки унвонҷӯ доир ба ҳар як мавзӯи дар рисола баррасишаванда ба фикру хулосаҳои олимон такя карда истода, мулоҳизаҳои худро низ иброз медорад.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, сатҳи диссертатсия, мутобиқат ба нишонаҳои тахассусӣ.**

Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро инҳо таъмин менамоянд: бо ҳам мувофиқат кардани таҳлили маводҳои назариявӣ ва натиҷагирӣ аз кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки мувофиқи масъалаи таҳқиқшаванда ба анҷом расонда шудааст; баррасии натиҷаҳое, ки бо истифода аз методҳои назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шудаанд ва дар заминаи онҳо хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои педагогӣ-психологӣ коркард ва баррасӣ гардиданд; санҷиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбии педагогии муаллифи диссертатсия.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд.

**Эродҳо дар маҷмӯъ оид ба рисолаи таҳқиқотӣ.**

Бо вуҷуди афзалиятҳо аз рӯйи мутолиаи автореферат ва диссертатсия баъзе эродҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муаллиф метавонад онҳоро дар фаъолияти минбаъдаи илмии хеш ба эътибор гирад:

1. Дар солҳои охир доир ба проблемаи ташаккули кобилияти коммуникативию нутқии омӯзгориояндаи забони хориҷӣ ва паҳлуҳои он дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ба анҷом расидаанд. Мутаассифона, дар рисолаи мазкур нисбати ин таҳқиқотҳо ишорае нест.

2. Муаллифи рисола дар чанд ҷойи диссертатсия ва автореферат ба ҷойи қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ салоҳияту қобилиятҳои коммуникатсионӣ-нутқии омӯзгорон ном бурдааст.

3. Чи дар матни диссертатсия ва чи дар автореферат хатоиҳои грамматикӣ, услубӣ ва имлоию техникӣ вомехӯранд.

4. Матни русии автореферат низ таҳрирталаб аст.

Умед аст, ки унвонҷӯ дар атрофи эродҳои зикрёфта фикру андеша карда, онҳоро дар фаъолияти минбаъдаи илмиаш ба эътибор мегирад.

**Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада**

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 10 мақола инъикос ёфта, аз ҷумла 4 мақола, ки ба мавзӯи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашриёҳои тақризии тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра дар бар мегиранд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ) ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

**Хулоса**

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)» ба талаботи бандҳои 8, 9, 10, 13 ва 14 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 «Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор)» ва талаботи КАО назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Мавлонова

Интизор Тоҷиддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таълими касбӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
и.в. дотсент, мудири кафедраи
методикаи таълими забонҳои хориҷӣ
ДДБ ба номи Носири Хусрав Қаршиева Гулчаҳон Гулмуродовна

Имзои дотсент Қаршиева Г.Г.
тасдиқ мегардад.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукӯрзод Ҷ.А.

17.10.2022

Барои тамос:
ш. Бохтар, хиёбони С.Айнӣ, 67
ДДБ ба номи Н.Хусрав
E-mail: gulnoz.qarshieva@mail.ru.
Тел.: +992/900134745.